**ТАҚРИЗ**

**ба автореферати диссертатсияи Наҷотзода Ҷамшед Нарзулло дар мавзуи «Арзишҳои адабии тарҷумаи форсии «Рисолаи қушайрия»-и Абулқосими Қушайрӣ», ки барои дарёфти дараҷаи илмии доктори фалсафа (PhD) – доктор аз рӯйи ихтисоси 6D021400 – Адабиётшиносӣ (6D021401 – Назарияи адабиёт ва сабкшиносӣ) пешниҳод гардидааст.**

Тасаввуф яке аз ҷараёнҳои муҳимми маънавию фалсафӣ дар адабиёти классикии тоҷик ба шумор меравад. Он дар муҳити фарҳангии Шарқи мусулмонӣ дар асрҳои VIII-IX ташаккул ёфт ва дар асрҳои баъдӣ ба адабиёти форсӣ-тоҷикӣ таъсири бузург расонд.

Дар адабиёти тоҷик унсурҳои тасаввуфӣ тадриҷан, аз асрҳои IX-X пайдо шудаанд, ки яке аз он сарчашмаҳои бонуфуз ин «Рисолаи қушайрия» ба шумор меравад. Ва он мавриди таҳқиқу пажуҳиши диссертант Наҷотзода Ҷ.Н. дар мавзуи «Арзишҳои адабии тарҷумаи форсии «Рисолаи қушайрия»-и Абулқосими Қушайрӣ» ба сифати диссертатсияи номзадӣ анҷом ёфтаанд, мубраму аҳаммиятнок ва тозаву ҷадид арзёбӣ мегарданд.

Боби якуми диссертатсия **«Ҷойгоҳи Абулқосими Қушайрӣ ва «Рисолаи қушайрия»-и ӯ дар адабиёти форсӣ-тоҷикӣ»** унвон дошта, дар он муҳаққиқ ба пажуҳиши масоили пайдоиши тасаввуф, ҷойгоҳи тасаввуф ва ташкили мактабҳои ирфонӣ дар замони Қушайрия, зиндагинома, замони таҳсил, фаъолияти адабӣ, таснифоти осори адабӣ, аз ҷумла осори суфиёна пардохтааст. Инчунин, муҳаққиқ «Рисолаи қушайрия»-и ӯро аз рӯйи сохтор ва мундариҷа таҳқиқ намуда, дар он назар аст, ки ҳарчанд ин рисола аз тарафи муҳаққиқони гузашта борҳо тарҷума ва пажуҳиш шуда бошад ҳам, боз нуктаҳои нави илмиро таҳқиқ намудааст, ки дар сарчашмаҳои дигар дида нашудаанд.

Боби дуюми диссертатсия **«Баррасии тарҷумаҳо ва шарҳи форсӣ-тоҷикии «Рисолаи қушайрия»** ном дошта, масоили тарҷумаи форсӣ-тоҷикӣ ва шарҳу тафсир ва тасҳеҳи муҳаққиқон ба рисолаи Абулқосими Қушайрия мавриди таҳқиқу баррасӣ қарор гирифтааст. Аз таҳқиқоти диссертант бармеояд, ки бори аввал тарҷумаи рисола аз забони арабӣ ба форсӣ-тоҷикӣ аз замони муаллифи асар шурӯъ шуда ва он се маротиба мавриди тарҷума қарор гирифтааст. Гузашта аз ин, диссертант барои муайян кардани матни илмӣ-интиқодии «Рисолаи қушайрия» аз матни омоданамудаи Бадеуззамони Фурӯзонфар

истифода бурда ва кори таҳқиқотияшро дар илми адабиётшиносии тоҷик ҷадид номидааст.

**Боби сеюми** диссертатсия **«Вижагиҳои сабкӣ ва бадеии тарҷумаи форсии «Рисолаи қушайрия»** номгузорӣ шуда, дар ин бахши диссертатсия муҳаққиқ забону сабки баён, корбурди истилоҳоти суфиёна ва шарҳу тавзеҳи онҳо аз назари муҳаққиқону орифон, сохтору мухтавои ҳикояҳои асар ва таъсирпазирии тарҷумаи «Рисолаи қушайрия» ба адибону орифони баъдиро мавриди омӯзишу баррасӣ қарор додааст. Ба андешаи муҳаққиқ, комёбӣ ва дастоварди тарҷумаи форсии «Рисолаи қушайрия» дар корбурди ҳикоёти асар буда, муҳаққиқ аксари ҳикояҳои асарро аз саргузашти орифони замони муаллиф иборат медонад, ки метавонад дар илми адабиётшиносӣ ҳамчун як тазкираи мукаммал шинохта шавад.

Диссертант дар асоси пажуҳишу матни тарҷумаи форсӣ-тоҷикии «Рисолаи қушайрия» сабки баёни онро сабки хуросонӣ номидааст, ки комилан дуруст мебошад.

Навоварӣ ва бозёфтҳои илмии диссертант дар автореферати диссертатсия тавассути накду муҳокимаронихо ва хулосаҳои мушаххаси илмӣ ифода ёфтаанд.

Муҳокима ва натиҷагириҳои диссертант дар 14 банд ба таври густурда ва фарогир ҷамъбаст гардидаанд, ки бо далелу бурҳон ва афкори ҷолибу қобили таваҷҷуҳ хулоса шудаанд.

Дар баробари ин ҳама комёбӣ ва дастовардҳои илмию пажуҳишӣ дар автореферати диссертатсия баъзе камбудию нуқсонҳо низ ба мушоҳида мерасанд, киислоҳи онҳо арзиши диссертатсияро боз ҳам боло мебаранд.

1. Дар фасли якуми боби сеюми диссертатсия, ки бо унвони «Забон ва сабки баёни тарҷумаи «Рисолаи қушайрия»» зикр шудааст, диссертант сабки баёни асарро сабки хуросонӣ номидааст, аммо сабки хуросонӣ зикр кардани муҳаққиқ дар асоси тарҷумаи форсӣ-тоҷикии кадом мутарҷим бошад, баён нашудааст.

2. Дар фишурдаи диссертатсия баъзан, ғалатҳои имлоию китобат ба назар мерасанд, ки ислоҳшавандаи ҷузъиянд (саҳ. 4, 5, 10, 17, 18, 20, 26).

Дар маҷмуъ, камбудиҳои ишорашуда ба аҳаммияти таҳқиқоти анҷомёфта таъсири манфӣ нахоҳад расонд. Диссертант аз уҳдаи ҳалли вазифаҳои пешбинишуда ба хубӣ баромада, ба хулосаҳои саҳеҳи илмӣ расидааст.

Хулоса, кори таҳқиқотии диссертант Наҷотзода Ҷамшед Нарзулло дар мавзуи «Арзишҳои адабии тарҷумаи форсии «Рисолаи қушайрия»-и Абулқосими Қушайрӣ» кори илмии анҷомёфта маҳсуб ёфта, ба талаботи Комиссия олии аттестатсионии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон ҷавобгӯ буда, муаллифи он сазовори дарёфти дараҷаи илмии доктори фалсафа (PhD) – доктор аз рӯйи ихтисоси 6D021400 – Адабиётшиносӣ (6D021401 – Назарияи адабиёт ва сабкшиносӣ) мебошад.

**Тақриздиҳанда:** доктори фалсафа (PhD),
омӯзгори забон ва адабиёти тоҷики МДТ
«Листей барои хонандагони болаёқат»
дар шаҳри Душанбе Каримзода Шарифхуҷа Муллоҷон

13.08.2026

Нишонӣ: 735140, Ҷумҳурии Тоҷикистон,
шаҳри Душанбе, кӯчаи Нусратулло Махсум – 73/4.
Тел.: (+992) 918-18-67-48.
E-mail: karimovsharifkhuja@gmail.com

Имзои Каримзода Ш.М-ро тасдиқ мекунам:
сардори шуъбаи кадрҳо МДТ
«Листей барои хонандагони болаёқат»
дар шаҳри Душанбе Гулдарбоғова Фирӯза

Нишонӣ: 735140, Ҷумҳурии Тоҷикистон,
шаҳри Душанбе, кӯчаи Маяковский, 1
Тел.: (8 32 23) 3-42-50.
E-mail: suhrobibakhtiyor.94@gmail.com

13.08.2026